# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Сафари Нусратулло барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия

Дар автореферати худ Сафари Нусратулло мӯҳтавои мухтасари рисолаи илмиашро пешкаши хонанда гардонидааст. Рисолаи илмии муаллиф таҳти унвони “Асосноккунии геоэкологӣ, бехатар ҷойгиронӣ, нигоҳдорӣ ва дафни партовҳои саноати кӯҳии майдони маъдании Чоре” иҷро шуда ба омӯзиши пайдоиши партовҳои саноатӣ ва таъсири он ба муҳити зист бахшида шудааст. Инчунин, ҳангоми иҷрои кори илмӣ, муаллиф дар назди худ мақсад гузошта будааст то чораҳои коҳиш додани хавфи офатҳои геологиро барои минтақаи омӯзишаш таҳия намояд. Рисолаи муаллиф дар ҳаҷми 5 боб таҳия гашта, натиҷаҳои илмиаш якҷоя бо тавсияҳояш оид ба коҳиш додани таъсири истихроҷи маъдан ба ифлосшавии муҳити зист дар 3 боб мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчу кишвари кӯҳсор, аз захираҳои табиӣ, аз ҷумла захираҳои минералӣ, вобастагии назаррас дорад, ва истифодаи оқилонаи ин захираҳо дар рушди устувори кишвар накши муҳим мебозад. Аз ин лиҳоз, дар даврони истиқлолият, ҳукумати мамлакат ба ривоҷ додани саноати кӯҳӣ аҳамияти вижа зоҳир намудааст. Дар раванди кашф ва истифодаи захираҳои минералӣ, ҳифзи муҳити зист ба яке аз масъалаҳои мубрам ва бенияҳоят муҳим табдил гаштааст. Бо вуҷуди таҳқиқоти сершумор оид ба таъсири тағйирёбии иқлим ба муҳити зисти Осиёи Марказӣ, дар солҳои охир, таъсири саноати кӯҳӣ ба муҳити зист на он қадар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Банобар ин, пажӯҳише, ки дар автореферати мазкур натиҷагирӣ шудааст, мумбрам буда, барои илм ва истеҳсолот аҳамияти бузург дорад.

Муаллиф дар кори худ муайян намудааст, таъсири манфии истихроҷи маъдан ба қабатҳои хок тавассути чангу ғубор, эмулсияи об ва партовҳои сахт сурат мегирад. Инчунин, таҳқиқоти мазкур нишон додааст, ки дар таркиби обҳои партовҳо моддаҳои зараровар ба монанди марги муш ва сурма мавҷуданд, ки таркибашон аз меъёрҳои санитарӣ хеле зиёд аст. Муаллиф роҳҳои тоза кардани обҳо аз моддаҳои зараровари номбаршударо пажӯҳиш намуда, пешниҳод кардааст, ки обҳо бо истифода аз усули сулфид-витриол тоза карда шаванд. Илова ба ин, муаллиф усулҳои интиқоли маъданро мавриди таҳқиқот қарор додааст

ва дар нитиҷа тавсияҳои хешро барои тезонидани интиқол ва коҳиш додани таъсири он ба муҳити зист пешкаш намудааст. Яке аз натиҷаҳои асосии таҳқиқоқти илмии муаллиф тавсияҳояш нисбат ба коҳиш додани таъсири манфии истихроҷи маъдан ба муҳити зист ва қабати хок дар мавзеи омӯзиш мебошанд, ки ба таври мушаххас таҳия шудаанд.

Бо вуҷуди арзиши илмии таҳқиқоти иҷрошуда, дар автореферат, ҳадди ақал дар шакли тоҷикиаш, як қатор камбудиҳои забони мушоҳида мешаванд ва, бинобарин, он ба таҳрир ниёз дорад. Масалан дар бисёри мавридҳо ибораҳои “саноати кӯҳӣ” ҳамчу “саноатӣ кӯҳӣ” ва “таъсири манфӣ” ҳамчу “таъсири негативӣ” навишта шудаанд. Ба ин монанд хатогиҳои орфографӣ, имлоӣ ва граматикӣ зиёд ба чашм мерасанд. Бинобар ин, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки шакли тоҷикиашро таҳрир намояд. Инчунин, тавсия медиҳам, ки нуқтаи 2-юме, ки ба ҳимоя пешниҳод мешавад ба таври зайл навишта шавад: “Тадқиқоти мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки хавфу хатари геоэкологӣ дар минтақаи сохторҳои тектоникии навин, ки майдони маъданӣ шомилаш аст, хусусияти ирсӣ дорад”.

Дар ҳоле, ки камбудиҳои номбаршуда ба мутолиа ва дарки дурусти кори иҷрошуда таъсири манфӣ мерасонанд, онҳо арзиши илмии натиҷаҳои таҳқиқотро коҳиш намедиҳанд. Бинобарин, рисолаи илмии Сафари Нусратуллоро арзишманд пиндошта, чунин мешуморам, ки, баъд аз таҳрири шакли тоҷикии автореферат, он ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм ҷавобгӯ хоҳад буд. Дар ин замина, тавсия медиҳам, ки Сафари Нусратулло бо дараҷаи илмии номзади илмҳои геология ва минералогия мушарраф гардонида шавад.

Ҷовид Аминов
доктор аз рӯи ихтисос геологияи сохторӣ
дотсенти кафедраи илмҳо оид ба Замин ва муҳити зисти
Донишгоҳи Осиёи Марказӣ
суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хоруғ
кӯчаи Қиматшо Иматшоев 155
email: jovid.aminov@ucentralasia.org

Имзои Ҷовид Аминовро тасдиқ менамоям

Менеҷери захираҳои инсонӣ Шодмонбекова Манзура